**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Муқоиса ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни грамматикӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин навъи таҳқиқот имкон фароҳам меоварад, ки забонҳои муқоисашаванда ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз лиҳози мувофиқатии маъноӣ пайдо намудан бо аксари масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ шинохта шаванд ва натиҷаҳои онҳо дар корҳои гуногуни илмиву таълимӣ, аз он ҷумла тарҷума ва тарҷумашиносӣ низ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсияе, ки аз ҷониби Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзӯи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар доираи истифодаи маводи бевосита тарҷумашуда дар матни бадеӣ, яъне дар асоси тарҷумаи англисии асари "Ёддоштҳо"-и С.Айнӣ омода шудааст, барои боз ҳам хубтару амиқтар омӯхтани қоидаву қонуниятҳои забонҳои гуногунсохт хеле муҳим ва зарур мебошад.

Диссертатсияи номбурда, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддимаи таҳқиқот сухан дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия меравад.

Боби якуми диссертатсия ««**Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикию англисӣ»** унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар ин боб доираи омӯзиш, хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии мавзуро дар заминаи маводи асари бадеӣ таҳқиқ намудааст. Дар ин раванд, аз андешаҳои забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намуда, хусусиятҳои гуногун доштани ифодаи нутқи мазмунан нақлшударо мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Муҳаққиқ дар заминаи пажуҳиши гузаронидааш натиҷаҳои мушаххас пешниҳод намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ ва муқоисаи он бо забони тоҷикӣ»** унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар забони англисӣ ҳангоми ифодаи нутқи каси дигар имконоти гуногуни грамматикӣ вуҷуд дорад. Дар ин асос, нақши мувофиқатии замонҳо, ки нисбат ба забони тоҷикӣ тафовут дошта, ҳолатҳои гуногуни ифодаро дорад, муҳим мебошад. Албатта, ифодаи нутқи каси дигар усулҳои гуногуни ифодаро дорад, аммо қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ нақши муҳим дорад.

Муҳаққиқи диссертатсия ҳамин нозукии ифодаро дар забони англисӣ дарк намуда, кушиш кардааст, ки дар заминаи маводҳои асари интихобнамудааш масъалагузорӣ намояд ва роҳи ҳалли онро низ пешниҳод созад. Муаллиф дар боби зерин доираи омӯзиш, хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии мавзуро дар заминаи маводи асари бадеӣ таҳқиқ намудааст. Масъалаҳои мувофиқатии сохтории нутқи мазмунан нақлшударо ба миён гузоштааст, ки аз як тараф агар мушкил ба назар расад, аз тарафи дигар ҷолибият ва мубрамияти онро таъмин намудааст.

Албатта, тавре ки худи муҳаққиқ низ дар асоси андешаи забоншиносони гуногун зикр мекунад, аз як забон ба забони дигар тарҷума кардан мумкин аст, вале гузашта аз ин тарҷума талаби асосиро аз тарҷумон таъкид мекунад: тарҷумон ӯҳдадор аст забонеро, ки аз он тарҷума мекунад, донад. Тарҷумон фақат забони бегонаро фаҳмида ва бо ҳамин воқеияти бевоситаи фикри халқи дигарро фаҳмида гирифта, дар паҳлӯи мутафаккирон ва шоироне, ки ин халқ ба вуҷуд овардааст, меистад. Дар ҳақиқат вазифаи тарҷумон тарҷумаи фаҳмо, дарки аниқи маънӣ ҳангоми тарҷума, нигоҳ доштани асолати забони асари

тарҷумашаванда мебошад. Мутарҷим бояд ҳамчуноне ба забони дигар тарҷума намояд, ки ба хонандаи дигар чи гунае ки асар дар нусхаи асл таассурот мебахшад ҳамон гуна таъсирпазир бошад. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ, ки хусусияти хос доранд ба тарҷумаи амиқ ва комил бетаъсир намемонанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Усулҳои ифодаи банду басти навъҳои гуногуни ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи "Ёддоштҳо"-и С.Айнӣ»** номгузорӣ карда шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб усулҳои корбаст намудҳои гуногуни ҷумлаҳо, ки ҳангоми ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда мавқеи муҳим доранд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мусаллам аст, ки ҷумлаҳои саволӣ дар забони англисӣ хусусиятҳои гуногун дошта, нисбат ба ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ тафовут доранд. Аз ин рӯ, муҳақиқ дар боби мазкур ба ифодаи ҳамин намуди ҷумлаҳо таваҷуҳи хоса додааст.

Дар хулоса муаллиф нукоти асосии таҳқиқотро дар асоси маводи мушаххаси амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, андешаҳои хешро бо хулосаву натиҷаҳои арзишманд ҷамъбаст намудааст.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуни рисоларо пурра инъикос менамояд ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ҳам ба талабот ҷавобгӯ аст.

Бо вуҷуди дар сатҳи баланди илмӣ таълиф ёфтани диссертатсия, дар он камбудиву норасоиҳо ба чашм мерасанд:

1. Дар диссертатсия гарчанде танҳо асари "Ёддоштҳо" ишора шуда бошад ҳам, баъзе намунаҳо ҳангоми гузариш аз нутқи айнан ба мазмунан дар боби дуввуми диссертатсия аз асарҳои дигар низ ба чашм мерасад.
2. Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ - семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»- и С.Айнӣ барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дуруст ва пурра буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
муовини директор оид ба илм ва
муносибатҳои байналмилалии
Муасисаи давлатии таълимӣ колллеҷи
муҳандисию омӯзгории ш.Душанбе
Раззоқбердиев Шарафҷон Саидмуродович /            /

Имзои Ш. С. Раззоқбердиев-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва бойгонии
Муасисаи давлатии таълимӣ колллеҷи
муҳандисию омӯзгории ш.Душанбе
Наҷмуддинов Назархуҷа Акбарович /            /

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Борбад 48
Тел: (99237) 2318999
Тел: 934547707
www.kmod.tj